**Тақризи**

**муқarrizi расмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Парвонахон Ҷамшед ба рисолаи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна ба яке аз масъалаҳои асосии забоншиносии тоҷик бахшида шуда мавзуи мубрами забонҳои муосири эронии шарқиро фаро гирифтааст.

Бояд гуфт, ки тавсифи умумии ҷонишинҳо, хелҳои он аз рӯйи маъно, хусусияти морфологии онҳо, таҳлили категорияҳои грамматикӣ ва инчунин маълумоти мухтасар доир ба вазифаҳои синтаксисии низоми ҷонишинҳои забони вахониро дар бар мегирад. Дастоварди илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст мувофиқи имкон низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мавриди баррасии густурдаи монографӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқу баррасии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ, аввалан, барои ба таври амиқу дақиқ баррасӣ намудани сохтори дастурии ин ҷонишинҳо, нишон додани хусусиятҳои семантикию грамматикӣ ва шаклҳои категориалии онҳо мусоидат менамояд, сониян, ба сурати монографӣ таҳқиқ гардидани низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ва дар ҳамин замина, муайяну мушаххас сохтани манзараи умумии таҳаввули ҷонишинҳо дар забонҳои эронии шарқӣ кӯмак мекунад.

**Ҳадафи асосии таҳқиқот** таҳқиқу пажуҳиши амиқи хусусиятҳои луғавӣ, семантикӣ ва грамматикии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ мебошад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** метавонад дар таҳқиқоти забоншиносии муқоисавӣ- таърихии забонҳои эронӣ, бахусус забонҳои шохаи шарқии он ба сифати маводи назариявӣ ба кор рафта, дар амалия зимни таҳияи

барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ ҳамчунин курсу семинарҳои тахассусӣ оид ба забонҳои эронии шарқӣ, бахусус забонҳои бадахшонӣ (помирӣ), дар риштаҳои филологии муассисоти таҳсилоти олӣ ҳамчун мавод ва матолиби таълимӣ хидмат расонад.

**Объекти таҳқиқот** ба доираи пажуҳиши амиқ ва ҳамаҷониба кашидани низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ предмети таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷу махсуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқот** баррасии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ мебошад.

**Марҳилаҳои таҳқиқоти** низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ дар се марҳила, солҳои 2013 2014 ба ҷамъоварии мавод,омӯзиши адабиёти марбут ба ҷонишинҳои ватанию хориҷӣ,солҳои 2015 2017 ба тартиб додани картотека, ҷамъоварии ҷонишинҳо навиштани боби якуми рисола ва солҳои 2018 2022 ба навиштани боби дуюму сеюм давом кард.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмию назариявии донишмандон ба монанди Д.Карамшоев, Н.Карамхудоев,Х.Қурбонов, Т.Бахтибеков,М.Н.Қосимова, С.Мирзобидинова, М.Файзов, Б.Сиёев,М.А. Наҳангова М.М.Аламшоев, Ш.Юсуфбеков, инчунин олимони рус аз қабили А.Л.Грюнберг, И.М.Стеблин Каменский, Т.Пахалина,Т.И.Оранская В.В.Виноградов ва дигарон бузург мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки дар асоси маводи тозаи забонӣ низоми ҷонишинҳои забони вахониро таҳқиқ намуда, бори нахуст дар эроншиносӣ низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст. Ҳамчунин хусусиятҳои грамматикии ҷонишинҳои забони вахонӣ таҳлил шуда, гурӯҳҳои ҷонишинҳои забони вахонӣ аз назари маънои ва грамматикӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқотро** зимни таҳқиқи низоми ҷонишинҳои забонҳои дигари эронии шарқӣ, аз ҷумла забонҳои гурӯҳи бадахшонӣ

(помирӣ) ва ҳамчунин дигар забонҳои ғайриэронии минтақа истифода намуд.

Инчунин маълумотҳои рисоларо барои равшанӣ андохан ба бисёре аз масъалаҳои таърихи забонҳои эронӣ, масоили мубрами сохтори дастурӣ ва морфологию категорияҳои грамматикии ин забон кӯмак расонидан метавонад.

**Аҳаманяти амалии таҳқиқот** ҳангоми таҳияи курсҳои таълими таърихи забонҳои эронӣ,таърихи забони тоҷикӣ,курсу семинарҳои тахассусӣ доир ба забонҳои бадахшонӣ (помирӣ), грамматикаи забонҳои эронӣ ва таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи ваҳонӣ фарҳангҳои муқоисавии забонҳои эронӣ, махсусан гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур ба таҳлилу баррасии назариявӣ таъмин буда, бар мабнои нуктаҳои муҳими методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор , мақсаду вазифи таҳқиқ бунёд ёфтааст.

Диссертатсия аз се боб иборат буда, асосан ҷанбаҳои таҳлили хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ ва грамматикии низоми ҷонишинҳои забони ваҳониро фаро гирифта, дар **боби аввал** доир ба асосҳои назариявии масоили мухталифи марбут ба ҷонишинҳо ва сохтори семантикию дастурии онҳо дар осори забоншиносӣ ба таври густурда мавриди баррасию таҳқиқ ва мубоҳисоти илмӣ қарор гирифта, назароти муҳаққиқон доир ба хусусиятҳои сохторию корбурдии онҳо баён гардидаанд. Дар **боби дуюм** таваҷҷуҳи махсус ба хусусиятҳои дастурии ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ва корбурди таркибҳои эргативии онҳо равона шудааст. Дар **боби сеюм** роҷеъ ба хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ ва грамматикии ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ, номуайянӣ, манфӣ, ҷонишинҳои таъйинӣ ва ҷонишинҳои муштарак сухан рафтааст.

Муаллиф дар ҳар як бобу қисмати кор маводи далелнокро истифода бурда, хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии ҷонишинҳоро дар ҷадвалҳо пурратар асоснок намудааст, ки ин аз манфиат холӣ нест. Корбасти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки Неъматова Бибиқанд, бо натиҷаҳои назаррас ноил гашта, ҳамчун муҳаққиқ соҳиби малакаю маҳорати таҳлили илмӣ-лингвистӣ гардидааст.

Диссертант дар кори илмии худ дар асоси назарияи умумилингвистии муосир нишон додани вазифа ва маъноҳои луғавию грамматикӣ, тавсифи ҷонишинҳои вахонӣ дар асоси хусусиятҳои маъноию структурӣ, таҳлили амиқи хусусиятҳои грамматикии таркибҳои ҷонишинӣ, муайян намудани маъноҳои грамматикии ҳолат (падеж)-ҳои ҷонишинҳои забони вахонӣ ва воситаи ифодаи онҳо ва ҳамчунин дигар масъалаҳои муҳими марбут ба ҷонишинҳои ин забонро ба сифати нуктаҳои аслӣ барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ва автореферат нуктаҳои асосии таҳқиқоти масъалаҳои дар бобҳои дохилии кори диссертатсионӣ баррасишуда ҷамъбасту натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ** аз он иборат аст, ки диссертант дар ҷараёни пажуҳиш аз навиштани мавзуи рисола , ҷамъоварии мавод, гурӯҳбандии онҳо, ба бобу зербобҳо ҷудо карда навиштани рисола ба таври мустақим саҳм дорад. Ҳамчунин муаллифи рисола ба навиштани мақолаҳо доир ба мавзуъ ва маърӯзаҳо дар ҳамоишу конференсияҳо саҳми назаррас дорад.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти** диссертант дар 11 мақолаи илмӣ аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд.

Диссертатсия ва автореферат бо забони хуби илмӣ таълиф шуда, ки моҳияти илмӣ ба тавсиф расидаанд, ки моҳияти мантиқии илмии мавзуъро дар худ таҷассум мекунанд ва ба итмомрасида ҳисоб меёбанд.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе нуқсонҳое низ ба чашм расиданд, ки дар зер овардани чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфиданд.

1.Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем (дис.с.18, 52, 104,120, авт. с.3,6,7,9, 12, 13, 15, 17);

2.Дар рисола иқтибосоти зиёдро ҷой додааст, агар назари танқидии худро баён менамуд, хуб мешуд;

3.Дар диссертатсия назару андешаҳои забоншиносони тоҷик кам ба назар мерасанд;

4. Муодили тоҷикии ҷонишинҳои забони ваҳонӣ дар ҷадвалҳои 2, 8,11,14, ва 15 оварда нашудаанд, агар муаллиф дар ҷадвалҳои зикршуда варианти тоҷикиро меовард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

5. Дар диссертатсия ва автореферат баъзан такрори фикр ба мушоҳида расид.

Албатта ин камбудиҳо он арзиши илмӣ ва амалиеро, ки диссертатсияи илмии Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна таҳти мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони ваҳонӣ» дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ кам нахоҳад кард.

Самти илмӣ ва мавзуи диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна «Низоми ҷонишинҳои забони ваҳонӣ» ба ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мутобиқ аст.

Диссертатсия ва автореферату мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Дастгоҳи илмии диссертатсия ба меъёрҳои "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия", ки бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» дарбаргирандаи муҳтавои мавзуи таҳқиқ буда, дар ҳамин шакл ба анҷом расида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мебошад.

**Муқаррizi расмӣ,**
**профессори кафедраи**
**забонҳои хорҷии АМИТ,**
**доктори илмҳои филологӣ,** **Парвонахон Ҷамшедов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,**
**Хиёбони Рудаки 33 Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**(pjam07@mail.ru) tel.(+ 992 919002053)**

**Имзои профессори кафедраи забонҳои хориҷии**
**АМИТ, доктори илмҳои филологӣ П. Ҷамшедовро тасдиқ мекунам:**
**Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АМИТ**
**Муродова М**

10 январи соли 2024